АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Тасдиқ мекунам»
Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К.
«___»____________ с.2017
_______________________

# ДАСТУРАМАЛИ
## тартиби пур кардани «Варақаи азнавкунии маълумотҳои Регистри оморӣ»

## МУҚАДДИМА

Дастурамали мазкур мувофқи Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «05» августи соли 2016, № 41 тасдиқ карда шудааст, таҳия шудааст.

Барои риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқарраршудаи омори давлатӣ ба мақомоти дахлдори оморӣ, ки он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардан ифода меёбад, инчунин пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ ё дигар маълумоти зарурӣ барои мушоҳидаҳои омории давлатӣ ва феҳристҳои давлатии воҳиди оморӣ, мувофиқи моддаи 515-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд

Дастурамал тартиботи ҳамкории агентии омории вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳоро бо корхонаю муассиса ва ташкилотҳое, ки дар маҳалҳои худидоракунанда ҷойгир шудаанд, инчунин бо нигоҳдорандаи Регистри корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – МД «Маркази Кулли Ҳисоббарорӣ»-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

«Варақаи азнавкунии маълумотҳои Регистри оморӣ» аз ҷониби ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳои мустақили шахсони ҳуқуқии дохилӣ, филиал-намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, новобаста аз шакли моликият, тобеъият, намуди фаъолияти иқтисодӣ ва андоза то санаи 20 апрели баъд аз соли ҳисоботӣ ба мақомоти маҳаллии омор ё ба таври электронӣ дар утоқи шахсии ҳисоботсупоранда пешниҳод карда мешавад.

## МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

Регистри корхонаҳои Тоҷикистон бо мақсади таъмини иттилооти муътамаду саҳеҳ дар бораи ҳамаи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи ҳамаи дараҷаҳо барои таҳлилу пешгӯии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин барои гузарондани таҳқиқоти оморӣ истифода бурдани ин иттилоот, ташкил ва ҷорӣ карда мешавад.

Регистри корхонаҳои Тоҷикистон бояд ихтисори ҳисоботи зиёдатӣ, риояи баёни муназзам, пайдарҳамии мантиқӣ ва муқоисапазирии маълумотро таъмин намояд.

Ҷиҳати таъмини шафофияти маълумотҳо ва ба пуррагӣ фаро гирифтани ҳамаи субъектҳои ҳисоботсупоранда ҳисоботи мазкур ҷорӣ карда шудааст.
Ба истифодаи маълумоти дар Регистри корхонаҳо дохилшуда мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳокимияти худидораи маҳаллӣ, инчунин корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ва шахсони алоҳида ҳуқуқ доранд. Маълумоти дар «Варақаи азнавкунии маълумотҳои Регистри оморӣ» сабтшуда, ки аз фаъолияти иқтисодии корхона, муассиса ва ташкилот далолат мекунанд, маълумоти азнавкунии оморӣ мебошанд ва истифодаи ин маълумот танҳо ба онҳое иҷозат дода мешавад, ки дар Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Хисоботи мазкур ба таври электронӣ пур карда мешавад ва дурустии маълумотҳо ва нишон додани рамзҳои омории дуруст зарур аст. Мутобиқи системаи ягонаи синфбандӣ ва рамзгузории маълумотҳои техникӣ – иттилоотӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар як субъекти хоҷагидор ҳангоми аз қайди давлатӣ гузаштан, рамзгузорӣ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои хоҷагидор (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал намояндагиҳои шахсони хориҷӣ) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар низоми «Равзанаи ягона» ва муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо Қарори №255 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августа соли 1991 ва бо Низомнома дар бораи тартиби бақайдгирӣ ва додани рамзи РУКТ ба корхонаҳо ва ташкилотҳо аз ҷониби идораҳои омории вилоятҳо, ки Муассисаи давлатии «Маркази Кулли Ҳисоббарорӣ»-и собиқ Кумитаи давлатии омори Итгиҳоди Шуравӣ 21 феврали соли 1991 тасдиқ карда буд, муқаррар шудааст.

## Тартиби пур кардани «Варақаи азнавкунии маълумотҳои Регистри оморӣ»

**Қисми 1. Бахши иттилотӣ - маъмурӣ**
**Банди 1.** Рамзи корхона ва ташкилот (ТУКТ), дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудааст, аз тарафи мақомоти омор ба субъект дода мешавад, аз ҳашт рақам иборат аст, ба ҳамаи субъектҳо индивидуалӣ мебошад;
**Банди 2.** Рақами ягонаи мушаххас (РЯМ), дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудааст, аз тарафи мақомоти бақайдгиранда «Равзанаи ягона» ба субъект дода мешавад, аз 10 (даҳ) рақам иборат мебошад;
**Банди 2А.** Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА), аз тарафи мақомоти андоз дода мешавад, аз 9 (нуҳ) рақам иборат аст;
**Банди 3.** Номи пурраи шахси ҳуқуқӣ нишон дода мешавад;

**Банди 4**. Санаи таъсисёбӣ аз рӯи рӯз, моҳ, сол ва рақами қарори оиди таъсисёбӣ пур карда мешавад (масалан: 12.03.2017 №150);
**Банди 5.** Тағирот дар фаъолияти субъект аз рӯи таснифоти тағиротӣ (азнавташкилшавӣ) нишон дода мешавад (таснифот барои интихоби тағирёбии субъект дар замима оварда шудааст, агар субъект бе тағирот фаъолият карда бошад, рамзи 31 интихоб карда мешавад);
**Банди 6**. Силсилаи почта (индекси почта)-и маҳаллаи ҷойгиршавии субъект; Рамзи маҳалли ҷойгиршавӣ аз рӯи Таснифоти умумии тақсимоти маъмурию ҳудудӣ –ТУТОМҲ дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудааст; Суроғаи ҳуқуқӣ, яъне суроғаи ҳангоми бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ дар Оинномa ё Шаҳодатнома қайдкардашуда пурра (вилоят, шаҳр, кӯча, рақами хона, ҳуҷра); Суроғаи аслӣ, яъне суроғаи аслии ҷойгиршавии субъект ҳангоми пешниҳоди ҳисобот (Агар субъект дар асл бо ношиндоди суроғи ҳуқуқӣ фаъолият намояд, суроғаи ҳуқуқӣ ва аслӣ якхела мешаванд);
**Банди 7.** Ному насаби роҳбари корхона ё муассиса пурра навишта мешавад.
**Банди 7.1.** Вазифаи роҳбари шахси ҳуқуқӣ (масалан: директор, раис, сардор, мудир ва ғ. ), гурӯҳбандӣ аз рӯи ҷинсияти роҳбари шахси ҳуқуқӣ: мард-0, зан-1.
**Банди 8.** Рақами телефони ҷойгиршавӣ, офис;
**Банди 9.** Рақми телефонии мобилии роҳбар;
**Банди 10**. Телефакс;
**Банди 11.** Суроғаи электронии шахси ҳуқуқӣ ё роҳбари шахси ҳуқуқӣ;
**Банди 12**. Сомона (сайт) агар дошта бошад, пурра бо ҳарфҳои хурди лотинӣ навишта мешавад;
**Банди 13**. Тобеияти шахси ҳуқуқӣ аз рӯи Таснифоти умумии мақомоти ҳокимияти давлатию идора ТУҲМДИ нишон дода мешавад, дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудааст;
**Банди 14.** Намуди фаъолияти иқтисодии асосии субъект аз рӯи Таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодӣ ТУНФИ нишон дода мешавад, ки дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудааст;
**Банди 14А.** Намуди фаъолияти иловагии 1-ум дар ҳолате нишон дода мешавад, ки субъект ба ғайр аз намуди фаъолияти асосӣ, фаъолияти иловагӣ дошта бошад.
**Банди 14В.** Намуди фаъолияти иловагии 2-ум дар ҳолате нишон дода мешавад, ки субъект ба ғайр аз намуди фаъолияти асосӣ ва фаъолияти иловагии 1-ум, боз фаъолияти иловагӣ дошта бошад (яъне се намуди фаъолияти иқтисодӣ дошта бошад);
**Банди 15.** Шакли моликияти шахси ҳуқуқӣ аз рӯи Таснифоти шакли моликият - ТШМ нишон дода мешавад, ки дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудааст;

**Банди 16.** Шакли ташкилию ҳуқуқӣ аз рӯи таснифоти шакли ташкилию ҳуқуқӣ ТШТҲ нишон дода мешавад, ки дар «Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ» оварда шудааст;
**Банди 17.** Навъи шахси хусусӣ аз рӯи шумораи кормандон муайян карда мешавад: (хурд-шумораи кормандон то 30 нафар, миёна – шумораи кормандон аз 31-200 нафар, бузург- шумораи кормандон аз 201 нафар боло) дар замима оварда шудааст;
**Банди 18.** Шумораи воҳидҳои зерсохтор (филиал, воҳиди махсус) нишон дода мешаванд.

**Қисми 2. Бахши иттилоотӣ – иқтисодӣ.**

**Банди 19.** Рамзи маблағзузории шахси ҳуқуқӣ нишон дода мешавад: 1- ҳисоби маблағгузории хоҷагидорӣ, 2- маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ (муассисаҳо ва корхонаҳои буҷетӣ), 3- маблағгузории омехта (ҳам буҷетӣ ва ҳам хоҷагидорӣ).
**Банди 20.** Тарзи пешбурди ҳисоботи муҳосибавӣ нишон дода мешавад. 1- Стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ - СББМ (Международные стандарты финансовой отчётности-МСФО), 2- Стандартҳои миллии баҳисобгирии молиявӣ СМБМ (Национальные стандарты бухгалтерского учета-НСБУ);
**Банди 21**. Субъектҳое, ки робитаҳои иқтисодии хориҷӣ доранд - рамзи 1 ва субъектҳое, ки надоранд - рамзи 2 мегузоранд;
**Банди 22.** Дар ҳолати дар банди 21 нишон додани рамзи 1, яъне доштани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, номгӯи мамлакатҳои робитаи иқтисодидошта нишон дода мешаванд. Рамзи ТМҶ аз тарафи ҳисоботсупоранда пур карда намешавад;
**Банди 23.** Теъдоди миёнаи солонаи кормандон (нафар) аз рӯи басти вазифавӣ нишон дода мешавад;
**Банди 23А**. Аз шумораи умумии кормандон, танҳо теъдоди занҳо нишон дода мешавад.
**Банди 24**. Фонди миёнаи ҳармоҳаи музди меҳнати кормандон. Музди меҳнати ҳамаи кормандон дар 12 моҳи соли ҳисобот ҷамъ карда шуда, барои муайян намудани Фонди миёнаи ҳармоҳа ба 12 тақсим карда мешавад. *Вохиди ченак бо сомонӣ нишон дода мешавад.*
Банди 24А. Аз он ҷумла фонди миёнаи ҳармоҳаи музди меҳнати занон. *Вохиди ченак бо сомонӣ нишон дода мешавад.*
**Банди 25.** Арзиши хамаи фондхои асосӣ бо назардошти ҳаҷми амортизатсия, ки дар аввали соли ҳисоботӣ қарор дорад, нишон дода мешавад;
**Банди 26.** Арзиши ҳамаи фондҳои асосӣ бо назардошти ҳаҷми амортизатсия дар давоми сол, ки дар охири соли ҳисоботӣ қарор дорад, нишон дода мешавад;

**Банди 27.** Маблағи солонаи сармояи оинномавӣ нишон дода мешавад;
**Банди 28.** Фоизи моликияти хусусӣ дар сармояи оинномавӣ нишон дода мешавад;
**Банди 29.** Фоизи моликияти хориҷӣ дар сармояи оинномавӣ нишон дода мешавад. Дар ҳолати надоштани сармояи хориҷӣ «0» нишон дода мешавад;
**Банди 30.** Маблағи умумии солонаи маҳсулоти истеҳсолшуда (корҳо, хизматрасонӣ, муомилоти мол) нишон дода мешавад;
**Банди 31.** Маблағи солонаи фоида ё зарари ҳамаи намудҳои фаъолият, аз он ҷумла муомилоти хариду фуруш, фаъолияти хоҷагӣ-молиявӣ нишон дода мешавад;
**Банди 32.** Маблағи даромад аз фурӯши мол ва хизматрасонӣ, бе арзиши аслии молу маҳсулот нишон дода мешавад;

**Банди 33.** Дар ҳолати дорои логотип, акси маҳсулот доштани субъект, 1-ҳа нишон дода мешавад. Агар корхона ё муассиса дорои логотип набошад, 0-не нишон дода мешавад;

Санаи пешниҳоди ҳисобот, ному насаби роҳбар қайд карда мешавад.